# Терроризм -хатар ба сулҳу субот

Дар соле, ки сипарӣ шудаистодааст, мо шоҳиди содир шудани амалҳои мудҳиши террористӣ дар Осиёву Африқо ва Аврупову Амрико гардидем ва қариб рӯзе нест, ки сокинони ин ё он гӯшаи ҷаҳон қурбони ҷиноятҳои террористӣ нагарданд. Бо вуҷуди чунин вазъ, дар арсаи байналмилалӣ то ҳол таърифи ягонаи мафҳумҳои «терроризм» ва «террорист» вуҷуд надорад, ки ин ҳолат ба истифодаи меъёрҳои дугона ва духӯрагиву гуногунфаҳмиҳо мусоидат карда истодааст.

«Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислоҳгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест. Баръакс, тавре ки ман борҳо таъкид намуда будам, террорист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад»,- омадааст дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22 декабри соли 2017.

Дар ибтидои садаи XXI инсоният бо хатари ҷиддие, ки ба бақои одаму олам таҳдид менамояд, рӯ ба рӯ гаштааст, ки номи он терроризм мебошад. Террористон аз ибтидо ба воситаи тарсонидану даҳшатафганӣ мехостанд мақсадҳои худро ба гардани дигарон бор намоянд, ки ин амалҳо боиси кушта шудани теъдоди зиёди одамони бегуноҳ мегардад. Масалан, дар кишвари ба мо ҳамсарҳади Афғонистон қариб ҳар рӯз рӯйдодани амалиётҳои террористиро мушоҳида менамоем, ки дар натиҷаи онҳо даҳҳо ва садҳо нафар шахсони бегуноҳ қатл карда мешаванд.

Терроризм дар содир намудани амалҳое ифода меёбад, ки ба одамон хатари маргро ба миён оварда, боиси вайрон гардидани бехатарии ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ва дар ин замина бесубот намудани авзои ҷомеа мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои истиқлолияти давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде қабул карда шудаанд, ки маҳз барои бартараф намудани сабабу омилҳои гуногуни терроризму экстремизм равона гардидаанд.

Дар байни онҳо пеш аз ҳама, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8 декабри соли 2003, №69, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999, №846 ва «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020»-ро, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, №776 тасдиқ карда шудааст, номбар намудан мумкин аст.

Халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зуҳуроти зишти ин падидаи ғайриинсонӣ аз наздик ошно мебошад, бинобар ин тамоми кӯшишу

ғайрати хешро барои мустаҳкам намудани пойдевори сулҳу ваҳдати миллӣ, амнияту суботи кишвар ва муттаҳид шудан дар атрофии Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон сафарбар менамоянд.

Ҷавҳарӣ А.